**Ҷадвали**
**мониторинги иҷрои қарорҳои протоколии ҷаласаи 14-уми Шӯрои машваратии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ аз 17 ноябри соли 2014 №1С/22-7**

| Мазмуни супоришҳои протоколӣ | Мӯҳлати иҷро | Ҷараёни иҷро | Эзоҳ |
|---|---|---|---|
| 1. Котиби масъули Шӯро ва Котиботи Шӯро ҷараёни иҷрои қарорҳои Шӯрои машваратиро таҳти назорат гирифта, ҷиҳати татбиқи пурра ва босамари онҳо чораҳои муассир андешанд. | Мунтазам | ***Иҷро шуд.***<br><br>Ҷиҳати иҷрои банди мазкур Котиботи Шӯрои машваратӣ мунтазам мониторинги иҷрои қарорҳои ҷаласаи 14-уми Шӯрои машваратиро гузаронида, оид ба натиҷаҳои татбиқи қарорҳои қабулнамудаи Шӯро ҷадвали мониторинги иҷрои қарорҳои Шӯроро бо забони тоҷикӣ ва англисӣ омода ва ба шарикон ирсол менамояд. Котиби масъули Шӯро дар ҷаласаи 15-ум оид ба рафти иҷрои қарорҳои қабулнамудаи ҷаласаи 14-уми Шӯрои машваратӣ маъруза пешниҳод менамояд. | |
| 2. Вазорати молия:<br><br>- дар якҷоягӣ бо Бонки миллӣ барориш ва фурӯши мунтазами коғазҳои қиматноки давлатиро бо нархҳои бозорӣ таъмин намуда, аз натиҷааш ба Ҳукумати ҷумҳурӣ маълумот диҳанд;<br><br>- дар якҷоягӣ бо Бонки миллӣ дар доираи ислоҳоти бахши бозори қоғазҳои қиматнок ва биржаҳои фондӣ, масъалаҳои фароҳам овардани | Мунтазам | ***Мавриди татбиқ қарор дорад.***<br><br>Айни замон Бонки милли Тоҷикистон дар ҳамкорӣ бо Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон хариду фурӯши қоғазҳои қиматноки давлатӣ, аз ҷумла қоғазҳои қимматноки худ ва Векселҳои давлатии хазинадории Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистонро амалӣ менамояд.<br>Дар соли ҷорӣ Бонки миллии Тоҷикистон 148 музоядаи қоғазҳои қиматноки давлатӣ гузаронид, ки иштирокчиёни музоядаҳо ба маблаҷи 1 123,1 млн. сомонӣ қоғазҳои қимматнокро харидорӣ намуданд. Аз ҷумла аз 143 музоядаи гузаронидаи қоғазҳои қимматноки Бонки Миллии Тоҷикистон маблағи 968,3 млн. сомонӣ ва аз 5 музоядаи Векселҳои давлатии хазинадории | |

| | | | |
|---|---|---|---|
| шароити мусоид барои таъсиси ҷамъиятҳои саҳомӣ ва ҷорӣ намудани усулҳои муосири идоракунии корпоративӣ, ташкили фаъолияти бонизом ва пурмаҳсули биржаҳои фондӣ дар Тоҷикистон, зина ба зина ба биржаҳои байналмилалӣ баровардани саҳмияҳои ширкатҳои ватанӣ ва дигар ҷанбаҳои муҳими соҳаро ба инобат гиранд;<br><br>- дар якҷоягӣ бо Бонки миллӣ дар лоиҳаи Нақшаи чорабиниҳои Ҳукумати мамлакат оид ба рушди бозори такрории қоғазҳои қиматнок ва биржаҳои фондӣ на танҳо ба ҷанбаҳои рушди қоғазҳои қиматноки давлатӣ, инчунин ба тавсеаи бозори коғазҳои қиматноки корпоративӣ диққати ҷиддӣ диҳанд. | соли 2015<br><br>соли 2015 | Вазорати Молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон 154,8 млн. сомонӣ фурухта шуд.<br>Дар ин давра меъёри фоизи миёнавазни қоғазҳои қимматноки Бонки Миллии Тоҷикистон 3,22 фоиз ва Вексельҳои давлатии хазинадории Вазорати молия 0,40 фоизи солонаро ташкил намуд.<br>Мухлати муомилоти қоғазҳои қимматноки Бонки Миллии Тоҷикистон 3,7,8 14, 28, 56-рӯз буда, Вексельҳои давлатии хазинадории Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи ҳисоботӣ 91 рӯзро ташкил медиҳад.<br>Қайд кардан зарур аст, ки дар музоядаҳои қоғазҳои қиматноки давлатӣ БДА ҶТ “Амонатбонк”, ҶСК “Агроинвестбонк”, ҶСП бонки фаръии БМП Покистон ва Хазинаи суғуртаи пасандозҳои шахсони воқеӣ фаъолона иштирок намуда, қоғазҳои қимматнокро харидорӣ намуданд.<br>Инчунин дар ҳамкорӣ бо Бонки миллии Тоҷикистон ба лоиҳаи Нақшаи чорабиниҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба рушди бозори такрории коғазҳои қиматнок ва биржаҳои фондӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон як қатор тадбирҳо ҷиҳати тавсеаи бозори қиматноки корпоративӣпешбинӣ карда шуданд. Айни замон лоиҳаи нақшаи чорабиниҳои мазкур дар баррасии вазорату идораҳои ҷумҳурӣ қарор дорад. | |
| 3. Вазоратҳои молия, адлия ва Бонки миллӣ дар якҷоягӣ бо дигар вазорату идораҳои марбута ҷиҳати мукаммал намудани заминаи меъёрию ҳуқуқии бахши бозори қоғазҳои қиматнок ва биржаҳои фондӣ ва сохтори институтсионалии он чораҳои | соли 2015 | ***Мавриди татбиқ қарор дорад.***<br><br>Бо мақсади рушди бозори такрории қоғазҳои қиматнок ҶСК “Биржаи фондии Осиёи Марказӣ” таъсис дода шуд.<br>Айни замон, масъалаҳои таҳияи меъёрҳои дохилии фаъолияти ин биржа, таъминоти он бо таҷҳизоти компютерии муосир ва барномаҳои байналмилалии автоматикунонии ҷараёни харидуфуруши қоғазҳои қимматнок ҳал шуда истодаанд. | |

| | | | |
|---|---|---|---|
| заруриро амалӣ намоянд. | | Қайд кардан бамаврид аст, ки ҷиҳати рушди бозори қоғазҳои қимматнок дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо дархости Вазорати молия аз ҷониби Бонки Олмонии рушд кумаки техникӣ ҷудо гардида, ҷиҳати вазъи бозори қоғазҳои қиматнок ва роҳҳои ҷоннок намудани он таҳлилҳо гузаронида шуд. | |
| 4. Бонки миллӣ лоиҳаи Нақшаи чорабиниҳои Ҳукумати ҷумҳурӣ оид ба рушди бозори такрории қоғазҳои қиматнок ва биржаҳои фондиро бо дарназардошти таклифу пешниҳодоти дар ҷаласаи имрӯза баёнгардида такмил дода, бо тартиби муқаррааргардида ба баррасии Ҳукумати мамлакат пешниҳод намояд. | соли 2015 | ***Мавриди татбиқ қарор дорад.***<br><br>Бонки миллии Тоҷикистон якҷоя бо Котиботи Шӯрои машваратии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ лоиҳаи Нақшаи чорабиниҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба рушди бозори такрории коғазҳои қиматнок ва биржаҳои фондӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистонро таҳия намуда, бо назардошти тағйиру иловаҳо бо тартиби муқарраргардида барои мувофиқа ба вазорату идораҳои дахлдор ирсол намуд (мактуб №132-164/677 аз 6 марти соли 2015). Айни замон лоиҳаи нақшаи чорабиниҳои мазкур дар баррасии вазорату идораҳои ҷумҳурӣ қарор дорад. | |
| 5. Вазоратҳои рушди иқтисод ва савдо, молия, Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ ва дигар вазорату идораҳои дахлдор якҷо бо мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Хатлон ҷиҳати ҷалби бештари сармоягузориҳо ба иқтисодиёти вилоят тадбирҳо андешида, ҳангоми таҳияи лоиҳаҳои давлатии сармоягузорӣ ва татбиқи онҳо, талаботи воқеии минтақа, аз ҷумла | соли 2015 | ***Мавриди иҷро қарор дорад.***<br><br>Ҷиҳати иҷрои банди додашуда аз тарафи вазорату идораҳои дахлдор тадбирҳои зарурӣ андешида шуда, то 1 апрели соли 2015 дар вилояти Хатлон 19 лоиҳаи сармоягузории давлатӣ амалӣ гардида истодааст:<br>1. Барномаи «Фондҳои ҷамоавӣ барои мусоидати рушди маълумоти асосӣ ва инфраструктураҳои ҷамоавӣ» (марҳилаи 2);<br>2. Барномаи «Фондҳои ҷамоавӣ барои мусоидати рушди маълумоти асосӣ ва инфраструктураи чамоавӣ» (марҳилаи 3); | |

| | | | |
|---|---|---|---|
| дар самти ба гардиши кишоварзӣ баргардонидани заминҳои партов ва бекористода ба инобат гирифта шавад. | | 3. Лоиҳаи таҷдид ва идомаи сохтмони мактабҳои миёна (марҳилаи 3);<br>4. Лоиҳаи сохтмон ва муҷаҳҳазгардонии мактабҳо, марҳилаи 2;<br>5. Лоиҳаи "Беҳтаркунонии хизматрасонии тиббӣ";<br>6. Лоиҳаи бақайдгирӣ ва системаи кадастри замин баҳри тараққиёти устувори соҳаи кишоварзӣ;<br>7. Лоиҳаи рушди чорводорӣ ва чарогоҳҳо;<br>8. Лоиҳаи «Беҳсозии сатҳи зиндагӣ дар Хатлон»;<br>9. Лоиҳаи "Беҳтар намудани таъмини оби нӯшокии аҳолии ноҳияи Мир Саид Алии Ҳамадонӣ";<br>10. Лоиҳаи обёрии заминҳои Данғара, марҳилаи 2;<br>11. Лоиҳаи обёрии заминҳои Данғара, марҳилаи 3;<br>12. Лоиҳаи дуюми таъмини шуғли аҳолӣ барои устувории хоҷагии қишлоқ ва идоракунии захираҳои обӣ;<br>13. Лоиҳаи «Минтақавии хатҳои интиқоли қувваи барқ»;<br>14. Сохтмони дастгоҳи тақсимкунандаи пӯшидаи элегазии 500 кВ дар НБО-и Норак;<br>15. Лоиҳаи таҷдиди роҳи автомобилгарди Душанбе-Кулма, қитъаи Душанбе-Данғара;<br>16. Лоиҳаи «Сохтмони роҳи мошингарди Кӯлоб – Қалъаихумб» минтақаи Шӯрообод-Шоҳон (40 км);<br>17. Лоиҳаи «Вусъат бахшидани ҳамкории минтақавии иқтисодии Осиёи Марказӣ (Коридори 3 ва 5);<br>18. Лоиҳаи «Рушди инфраструктураи маҳаллӣ (коммуналӣ)»;<br>19. Лоиҳаи «Идоракунии экологии замин ва беҳдошти воситаҳои зиндагӣ дар деҳот».<br>Маблағи умумии дар доираи лоиҳаҳои мазкур дар вилоят азхудшуда **377,63 млн. доллари ИМА**-ро ташкил медиҳад.<br>Бояд қайд кард, ки дар соли 2014 ва семоҳаи аввали соли 2015 созишномаҳои нави сармоягузорӣ ба имзо расиданд ва татбиқи | |

| | | | |
|---|---|---|---|
| | | онҳо дар вилояти Хатлон соли ҷорӣ дар назар дошта шудааст:<br>1. Лоиҳаи идоракунии партовҳои сахти маишии шаҳри Норак ба маблағи 4,0 млн.доллари ИМА, қарзу гранти Бонки аврупои таҷдид ва рушд.<br>2. Лоиҳаи беҳтар намудани системаи тандурустӣ ба маблағи 10,0 млн.доллари ИМА , қарзу гранти Бонки Умумиҷаҳонӣ.<br>3. Лоиҳаи сармоягузориҳо оид ба масъалаи ғизо дар ноҳияҳои таъминотнокиашон нисбатан пасти вилояти Хатлон ба маблағи 2,8 млн.доллари ИМА, гранти МАР.<br>4. Лоиҳаи тиҷоратикунонии хоҷагии қишлоқ ба маблағи 22,0 млн.доллари ИМА, гранти Бонки Умумиҷаҳонӣ.<br>5. Лоиҳаи "Партовҳои сахти маишии ш. Қурғонтеппа" ба маблағи 2,0 млн.доллари ИМА гранти Бонки аврупоии таҷдид ва рушд.<br>6. Сохтмони рохи охани Душанбе-Кургонтеппа, китъаи Вахдат – Ёвон ба маблағи 68,4 млн.доллари ИМА , қарзи Хитой.<br>7. Лоиҳаи бо оби нӯшоки таъмин намудани ноҳияи Панҷ ба маблағи 14,0 млн.доллари ИМА, гранти JICA Ҷопон. | |
| 6. Кумитаи давлатии идораи замин ва геодезӣ, дигар вазорату идораҳои дахлдор ва мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Хатлон ҷиҳати соддаву осон намудани тартиби ҷудо намудани қитъаи замин барои сохтмони корхонаҳои саноатӣ, ба Ҳукумати мамлакат пешниҳодоти | соли 2015 | ***Мавриди иҷро қарор дорад.***<br><br>Ҷиҳати татбиқи банди ба моддаи 30-юми Кодекси замини Ҷумҳурии Тоҷикистон тағйиру иловаҳо ворид карда шуда, айни замон расмиёти ҷудо намудани қитъаҳои замин дар як марҳала сурат мегирад.<br>Вобаста ба ин, Кумитаи давлатии идораи замин ва геодезӣ ба Қоидаҳои ҷудо намудани қитъаҳои замин ба шахсони воқеӣ ва ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии | |

| | | | |
|---|---|---|---|
| асоснок ва мушаххас манзур намоянд. | | Тоҷикистон аз 01.09 соли 2005, №342 тасдиқ шудааст, тағйироти лозимӣ ворид намуда, маводи мазкур бо вазорату идораҳои дахлдори ҷумҳуриявӣ мувофиқа карда шуда, айни замон барои мувофиқа ба мақомоти маҳалии ҳокимияти давлатии Вилоти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳо ирсол карда шудааст. | |
| 7. Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Хатлон:<br>- барои беҳтару самаранок намудани фаъолияти Шӯрои вилоятӣ оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ, котиботи он ва мунтазам гузаронидани ҷаласаҳои Шӯро чораҳои амалӣ андешад;<br>- дар ҳамкорӣ бо вазорату идораҳои дахлдор, бахши хусусӣ ва бо ҷалби сармояи дохиливу хориҷӣ барои таъсиси корхонаҳои хурду миёнаи истеҳсолӣ дар соҳаҳои саноат ва коркарди маҳсулоти кишоварзӣ, захираву нигоҳдории он ва истеҳсоли маҳсулоти ниҳоии ба содирот нигаронидашуда тадбирҳои заруриӣ андешида, аз натиҷааш ба Ҳукумати ҷумҳурӣ маълумот манзур намояд;<br>- ҷиҳати паҳн намудани таҷрибаи ноҳияи Ёвон оид ба таъсиси | Мунтазам<br><br>соли 2015 | ***Мавриди иҷро қарор дорад.***<br><br>Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Хатлон ҷиҳати иҷрои банди мазкур чораҳои заруриро амалӣ намуд.<br>Бо мақсади беҳтару самаранок намудани фаъолияти Шӯрои вилояти оид ба беҳтар намудани фазои соҳибкорӣ ва сармоягузорӣ, ҷаласаи 6-уми Шӯрои машваратӣ бо иштироки роҳбарияти Котиботи Шӯрои машваратии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон гузаронида шуд.<br>Дар ҷаласаи мазкур вобаста ба дастуру супоришҳои ҷаласаҳои 13,14-уми Шӯрои машварати назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба дастгирии истеҳсолкунандаи ватанӣ ва таъсиси Шӯроҳои шаҳру ноҳиявӣ дар сатҳи вилоят қарорҳои дахлдор қабул гардид.<br>Тибқи дастуру супоришҳои ҷаласаи 6-уми Шӯрои машваратӣ гурӯҳои корӣ оид ба омӯзиш ва омода намудани пешниҳодот вобаста ба масъалаҳои «Идоракунӣ ва танзими замин барои истеҳсолкунандагони вилоят» таъсис дода шуда айни ҳол кору фаъолият доранд.Натиҷаи омӯзиши масълаҳои гурӯҳи корӣ дар ҷаласаи навбатии Шӯро, ки моҳи майи соли ҷорӣ дар назар дошта шудааст, мавриди баррасӣ ва қабули қарорҳои дахлдор мегардад.<br>Вобаста ба таъсиси корхонаҳои хурду миёнаи истеҳсоли дар соҳаи саноат ва коркарди маҳсулоти кишоварзӣ, захираву | |

| | | | |
|---|---|---|---|
| корхонаҳои саноатӣ ва ҷойҳои корӣ дар дигар ноҳияҳои вилоят бо дарназардошти захираҳои ашёи хоми маҳаллӣ, истифодаи ҳамаҷонибаи имкониятҳои иқтисодии гузаргоҳи сарҳадии Панҷи Поён, ба роҳ мондани ҳамкориҳои судманд бо МД «Фонди дастгирии соҳибкорӣ» ва дар маҷмуъ барои фароҳам овардани шароити мусоид ба соҳибкорон ва ба роҳ мондани ҳамкориҳои мунтазам бо онҳо чораҳои зарурӣ андешад;<br><br>- барои пайгирӣ намудани самтҳои нави рушди иқтисодии вилоят, аз ҷумла дар соҳаҳои кишоварзӣ, саноат, энергетика ва сайёҳӣ ва дар заминаи он таъсиси ҷойҳои нави корӣ ва баланд намудани некӯаҳволии мардум тадбирҳо андешад. | | нигоҳдории он ва истеҳсоли ниҳоии ба содирот нигаронидашуда, дар сатҳи вилоят тадбирҳои зарурӣ андешида шудаанд. Аз ҷумла давоми соли 2015 ба Муассисаи давлатии «Фонди давлатии соҳибкорӣ»-и назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, 34 адад лоиҳаи сармоягузорӣ пешниҳод гардида, аз он 5 лоиҳа ба маблағи 3,9 млн. сомонӣ дастгирӣ гардид.<br>Инчунин дар доираи сафари кории сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон ба ноҳияи Данғара барои таъсиси се корхонаи азими саноатӣ оғоз бахшида шуд. Корхонаҳои мазкур бо сармояи муштараки соҳибкорони Тоҷикистону Чин бунёд мегардад. Пас аз ба кор даровардани корхонаҳо дар онҳо зиёда аз 2000 шаҳрвандони ватанӣ соҳиби ҷойи кори доимӣ мегарданд.<br>Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилоят Хатлон ҷиҳати иҷрои протоколи мазкур чораҳои зарурира амалӣ намуда, аз натиҷаи амали гаштани он мунтазам маълумот пешниҳод менамояд. | |
| 8. Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ВМКБ, вилоятҳои Хатлону Суғд, шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ дар ҳамкорӣ бо бахши хусусӣ шӯроҳои машваратӣ оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ ва соҳибкориро дар сатҳи раисони шаҳру ноҳияҳо таъсис дода, ҷиҳати фаъолияти бомароми онҳо ҳамаи | соли 2015 | ***Мавриди татбиқ қарор дорад.***<br><br>Тибқи иҷрои банди мазкур дар ҳамкорӣ бо шарикони рушд Роҳнамо барои таъсиси шуроҳо оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузориву соҳибкорӣ дар шаҳру ноҳияҳои мамлакат таҳия карда шуд. Рузҳои наздик дар минтақаҳои мамлакат корҳои фаҳмондадиҳӣ ҷиҳати ташкили шуроҳо оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузориву соҳибкорӣ гузаронида мешаванд.<br>Дар вилояти Суғд Шӯрои машваратии назди Раиси вилоят оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ дар ҳамбастагӣ бо | |

| | | | |
|---|---|---|---|
| шароитҳои заруриро фароҳам оранд. | | мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилоят (шуъбаи сармоягузории вилоят) ва дастгирии шариконі рушд (БРСММ) дар доираи “Барномаи рушди иқтисодии деҳот” дар шаҳрҳои Исфара, Панҷакент ва Истаравшан шӯроҳои машваратии назди раисони шаҳр таъсис дода шуд.<br>Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилоят Хатлон дар ҳамкорӣ бо бахши хусусӣ ҷиҳати таъсиси Шӯроҳои машваратии назди раисони шаҳру ноҳияҳо ва ҷиҳати фаъолияти бомароми онҳо чораҳои зарурӣ андешида, ҳамаи шароитҳои заруриро фароҳам овардaнд.<br>То имрӯз аз ҷониби мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилоят гурӯҳои корӣ таъсис дода шуда, ба кормандони масъули Шӯроҳои машваратии шаҳру ноҳиявӣ корҳои фаҳмондадиҳӣ ва омӯзиши гузаронида дастуру тавсияҳои намунавӣ барои ҷоннок намудани фаъолияти онҳо пешниҳод гардид. | |
| 9. Вазоратҳои кишоварзӣ, рушди иқтисод ва савдо, Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ аз ҳисоби намояндагони вазорату идораҳои дахлдор, бахши хусусӣ ва бо ҷалби шарикони рушд гурӯҳи корӣ таъсис дода, оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ дар бахши кишоварзӣ ва рушди тиҷорати аграрӣ таҳлилҳои ҳамаҷониба гузаронанд ва натиҷаҳои онро ба ҷаласаҳоиояндаи Шӯро пешниҳод намоянд. | Соли 2015 | ***Мавриди иҷро қарор дорад.***<br>Мутобиқи иҷрои банди мазкур Вазорати кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳамкорӣ бо вазорату идораҳои дахлдор корҳои муайянро ба анҷом расонид.<br>Бо ин мақсад дар назди Вазорати кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҳисоби мутахассисони вазорату идораҳои дахлдор бо ҷалби намояндагони бахши хусусӣ ва шарикони рушд аз 17 феврали 2015, №28 гуруҳи кории байниидоравӣ оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ дар бахши кишоварзӣ ва рушди тиҷорати аграрӣ таҳти роҳбарии муовини якуми вазири кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис дода шуд. Аз ҷумла руйхати ҳайати гуруҳи кории байниидоравӣ оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ дар бахши кишоварзӣ ва рушди тиҷорати аграрӣ ва нақшаи чорабиниҳои фаъолияти гуруҳи корӣ таҳия ва тасдиқ гардид. | |

| | | | |
|---|---|---|---|
| | | Гурӯҳи корӣ ҷаласаи аввали худро 11 марти соли 2015 соати 14-00 дар маҷлисгоҳи Вазорати кишоварзӣ баргузор намуда, таҳлили ҷараёни татбиқи барномаҳои соҳавии кишоварзӣ, дастгирии молистеҳсолкунандагони кишоварзӣ ва баррасии мушкилоти соҳаро гузаронид. Қарор карда шуд, ки аъзои гуруҳи корӣ ахбороти зарурӣ ва пешниҳодҳои худро оид ба роҳҳои бартараф ва ҳалл намудани мушкилоти соҳа ба роҳбари гурӯхи корӣ то санаи 2 апрели соли ҷорӣ манзур менамоянд.<br>Гурӯҳи корӣ вазифадор карда шуд, ки ҳолати кунунӣ ва воқеии соҳаро ҳаматарафа мавриди омӯзишу таҳлил қарор дода, фаъолияти худро ба омода намудани ҳисобот, тавсияҳо, пешниҳодҳо ва лоиҳаи Нақшаи чорабиниҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистонро оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ дар бахши кишоварзӣ ва рушди тиҷорати аграрӣ ба ҷаласаи 16-уми Шӯрои машваратии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ равона созанд. | |
| 10. Кумитаи меъморӣ ва сохтмон дар якҷоягӣ бо вазорату идораҳои дахлдор ва бо дастгирии шарикони рушд ҷиҳати ҳарчӣ зудтар ҷорӣ намудани низоми «Равзанаи ягона»-и гирифтани иҷозат барои сохтмон ва беҳтар намудани нишондиҳандаҳои Тоҷикистон дар ҳисоботи «Пешбурди соҳибкорӣ»-и Бонки Ҷаҳонӣ чораҳои зарурӣ андешида, аз натиҷааш ба Шӯрои машваратӣ маълумот пешниҳод намояд. | Соли 2015 | ***Мавриди татбиқ қарор дорад.***<br>Ҷиҳати иҷрои банди мазкур Кумитаи меъморӣ ва сохтмон бо Лоиҳаи баланд бардоштани рақобатпазирии бахши хусусии Бонки Ҷаҳонӣ ҳамкорӣ ба роҳ монда, аз ҷониби Бонки Ҷаҳонӣ барои таъминоти моддию техникии мақомотҳои маҳаллии меъморию шаҳрсозии шаҳри Душанбе ва шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ ҷиҳати пешбурди принсипи «Равзанаи ягона» 550 (Панҷсаду панҷоҳ ҳазор) доллари ИМА дар доираи лоиҳаи грантии «Баланд бардоштани рақобатнокии бахши хусусӣ» ба воситаи Кумитаи сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ пешбинӣ шудааст.<br>Аз ҷумла 50 ҳазор доллари ИМА ҷиҳати ба роҳ мондани омӯзиши татбиқи принсипи «Равзанаи ягона» барои мутахассисони Кумита ҷудо гардида, бо ин мақсад 16 нафар мутаххасис ба шаҳри Тбилисии Ҷумҳурии Гурҷистон рӯзҳои 21-23 | |

| | | | |
|---|---|---|---|
| | | – уми октябри соли 2014 сафар намуданд.<br>Бо мақсади хариди таҷҳизот барои низоми “Равзанаи ягона” оид ба гирифтани иҷозат барои оғози корҳои сохтмонӣ Кумитаи меъморӣ ва сохтмон руйхати таҷҳизоти заруриро таҳия намуда, ба Бонки Ҷаҳони пешниҳод намудааст. Айни замон руйхати таҷҳизот аз ҷониби Бонки Ҷаҳонӣ мавриди баррасӣ қарор дошта, дар назар аст, ки рузҳои наздик ин таҷҳизот ба мамлакат ворид карда мешавад. | |
| 11. Вазоратҳои корҳои хориҷӣ, рушди иқтисод ва савдо, Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ, Палатаи савдо ва саноат, сафоратҳо ва намояндагиҳои Тоҷикистон дар хориҷи кишвар ҷиҳати муаррифии васеи имкониятҳои сармоягузории мамлакат тариқи васоити ахбори оммаи дохиливу хориҷӣ ва ташкили чорабиниҳои гуногуни таблиғотӣ тадбирҳои мунтазам андешанд. | мунтазам | ***Мавриди татбиқ қарор дорад.***<br>**Вазорати корҳои хориҷӣ**<br>Ҷиҳати иҷрои банди мазкур дар ҳамкорӣ бо сохторҳои соҳавии ҷумҳурӣ ва Ассосиатсияи фаронсавии МЕДЕФ 23-24 апрели соли равон дар шаҳри Душанбе Анҷумани соҳибкорони Тоҷикистон ва Франсия бо ҷалби доираҳои соҳибкориву тиҷоратии Франсия ва Тоҷикистон баргузор гардид.<br>Бо мақсади рушди ҳамкориҳои минбаъда бо фондҳои арабӣ ва исломӣ дар самти татбиқи лоиҳаҳои афзалиятноки Ҷумҳурии Тоҷикистон ва баргузории ҷаласаи фондҳои арабӣ ва исломӣ ҳамоҳангиҳои дахлдор анҷом дода шуд. Барои дар сатҳи лозима барпо намудани чорабинӣ лоиҳаи рӯзнома, барномаи баргузории ҷаласа ва лоиҳаи харҷномаи онро дар ҳамоҳангӣ бо сохторҳои дахлдори кишвар таҳия ва барои тасдиқи минбаъда ба Ҳукумати ҷумҳурӣ ирсол гардид.<br>Ба мақсади ба роҳ мондани ҳамкориҳои тиҷоратии Тоҷикистону Покистон ва муаррифии фазои сармоягузории Ҷумҳурии Тоҷикистон Сафорати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар он кишвар бо ҳамоҳангии Палатаи савдо ва саноати шаҳри Сиялкоти Покистон байни тоҷирони ду ҷониб вохурӣ анҷом доданд. Зимни вохуриҳо пешниҳод гардид, ки ҳамкорӣ дар соҳаҳои саноат ва дар доираи он баргузор намудани чорабиниҳои гуногуни сармоягузорӣ | |

| | | | |
|---|---|---|---|
| | | барои тоҷирони ду кишвар вусъат дода шуда, намояндаи Бонки миллии Покистон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ин раванд мусоидат хоҳад кард. Дар робита ба мавзӯъ сохтори соҳавии кишвар дар ҷараён гузошта шуд.<br>Ҳамзамон, Вазорат дар ҳамоҳангӣ бо Бахши сармоягузории Конфронси СММ оид ба савдо ва рушд (ЮНКТАД) ба мақсади татбиқи самараноки "Баҳодиҳии сиёсати сармоягузории Ҷумҳурии Тоҷикистон" ва иҷрои масъалаҳои вобаста ба ин самт ҳамкориро бо сохторҳои соҳавии кишвар ба роҳ мондааст. Лоиҳаи мазкур аз чанд марҳила иборат буда, дар марҳилаи аввал мутахассисони ЮНКТАД самтҳои сиёсати сармоягузории Тоҷикистонро таҳлил ва ҷанбаҳои мусбӣ ва манфии онро барои иқдомҳои минбаъда муайян менамоянд. Дар ин радиф Гуруҳи корӣ аз ҳисоби намояндагони сохторҳои соҳавии кишвар бо мақсади гузаронидани баҳодиҳии сиёсати сармоягузории ҷумҳурӣ таъсис дода шуд.<br>Вазорат бо ниҳодҳои байналмилалии молиявӣ, ба монанди Бонки ҷаҳонӣ, Бонки исломии рушд, Бонки осиёии рушд, Бонки аврупоии таҷдид ва рушд, Хазинаи байналмилалии асъор, Бонки сармоягузории Аврупо ва амсоли инҳо ҳамкориҳои пурсамар ба роҳ мондааст.<br>Татбиқи босамари Стратегияи кишварии Бонки Ҷаҳонӣ бо Тоҷикистон барои солҳои 2015-2018 барои Тоҷикистон ниҳоят муҳим арзёбӣ мегардад. Ҳамкориҳо бо ин ниҳод ҳамчунин дар ҷараёни ташхиси иқтисодию техникӣ ва экологию иҷтимоии лоиҳаи сохтмони неругоҳи Роғун, оғози бунёди хатти барқи 500 киловатаи минтақавии "CASA-1000" ва ҷудо намудани маблағ барои татбиқи ин лоиҳа сурат гирифтанд.<br>12 январи соли ҷорӣ Ҷумҳурии Тоҷикистон бо дастгирии Ҷумҳурии Халқии Хитой 26-ум аъзои Бонки осиёии сармоягузории | |

| | | | |
|---|---|---|---|
| | | зерсохторӣ (AIIB) пазируфта шуд.<br>Самтҳои афзалиятноки сармоягузории AIIB соҳаҳои энергетика, нақлиёт, логистика ва инфрасохтори шаҳрию деҳотӣ буда, сармояи он 100 млрд. доллари ИМА-ро ташкил медиҳад.<br>Бо дарназардошти имконият ва иқтидори васеи тиҷоратӣ ва иқтисодӣ дар минтақаи Осиё Бонки AIIB тасмим гирифтааст, то солҳои 2010-2020 дар маҷмӯъ то 7 триллион доллари ШМА ба лоиҳаҳои афзалиятнок сармоягузорӣ намояд.<br>Бо мусоидати Вазорат 6 апрели соли 2015 вохӯрии намояндаи Бонки миллии Тоҷикистон бо ҳайати сармоягузорони саудӣ ва баҳрайнӣ ҷиҳати баррасӣ намудани имконияти сармоягузорӣ дар Тоҷикистон баргузор гардид. Зимни вохӯрӣ миёни ҷонибҳо ҷанбаҳои гуногуни низоми бонкӣ дар Тоҷикистон мавриди муҳокима қарор гирифт. Сармоягузорони саудӣ ва баҳрайнӣ ба мақсади гирифтани иҷозатнома ва ба роҳ мондани фаъолияти бонкӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон омодагии хешро иброз намуда, дар наздиктарин фурсат ҳуҷҷатҳои вобаста ба гирифтани иҷозатномаи мазкурро аз тариқи почтаи электронӣ ба Бонки миллии Тоҷикистон пешкаш хоҳанд намуд. Дар ин робита изҳори хоҳиш намудаанд, ки бо ворид гардидани дархости сармоягузорони саудӣ ва баҳрайнӣ ҷониби Тоҷикистон онро мавриди баррасӣ қарор диҳад. Масъалаи мазкур таҳти пайгирии ҷиддӣ ва доимии Вазорат қарор доранд.<br>Бо мақсади муаррифии бештари имкониятҳои сармоягузории Тоҷикистон ва ҷалби сармоягузории хориҷӣ маводи интишории Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ оид ба фазо ва лоиҳаҳои сармоягузорӣ ва Кумитаи ҷавонон, варзиш ва сайёҳӣ оид ба туризм ба намояндагиҳои дипломатӣ ва муассисаҳои консулии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар хориҷи кишвар оид ба андешидани чорабиниҳои муносиб дар замина дастури дахлдор | |

| | | | |
|---|---|---|---|
| | | ирсол гардидааст.<br>Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ ҷиҳати муаррифии васеи имкониятҳои сармоягузории мамлакат як қатор чорабиниҳо амалӣ намуда истодааст.<br>Аз ҷумла, рӯзҳои 10-13 марти соли 2015 дар шаҳри Копенгагени Дания ҳамоиши байналмилалӣ оид ба муколамаи давлат ва бахши хусусӣ доир гардид, ки дар он зиёда аз 300 нафар намояндагони бахшҳои давлативу хусусӣ ва шарикони рушд аз 54 мамлакати олам иштирок намуданд.<br>Дар чорабинӣ намояндагони як қатор сохторҳои муколамаи давлат ва бахши хусусӣ, роҳбарони вазорату идораҳои давлатӣ, корхонаҳои бузурги саноатӣ, созмонҳои соҳибкорӣ, ташкилотҳои бонуфузи байналмилалӣ иштирок намуда, оид ба фаъолияти сохтори муколамаи давлат ва бахши хусусӣ ва аҳамияти он ҷиҳати рушди бахши хусусиву соҳибкорӣ, ҷалби сармоя ва дар маҷмуъ рушди иқтисодиёти мамлакатҳои худ муаррифномаҳо пешниҳод намуданд.<br>Дар кори форум, аз ҷумла корҳои анҷомдодашуда дар самти таҳкими муколамаи давлат ва бахши хусусӣ, беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ ва фаъолияти соҳибкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон муаррифӣ карда шуд.<br>Қобили тазаккур аст, ки бо эътирофи ислоҳоти аз ҷониби Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти беҳсозии фазои сармоягузориву соҳибкорӣ тахти сарварии Президенти кишвар дар байни сохторҳои муколамаи давлат ва бахши хусусии мамлакатҳои иштирокчӣ - Шӯрои машваратии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ ҳамчун сохтори беҳтарини муколамаи давлат ва бахши хусусӣ дар арсаи ҷаҳонӣ пазируфта шуд ва бо ҷоизаи байналмилалии «Ҳовард» (Howard)-и Бонки Ҷаҳонӣ сарфароз гардонида шуд. | |

| | | | |
|---|---|---|---|
| | | Аз ҷумла 6 апрели соли 2015 бо ташаббуси Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шаҳри Душанбе  Мизи мудаввар дар мавзӯи: “Роҳҳои беҳтар намудани ҷалби сармояи хориҷӣ ба иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон”  баргузор гардид.<br>Дар мизи мудаввар намояндагони доираи васеи  соҳибкорон ва сармоягузорони ватанию хориҷӣ, олимону коршиносони варзида, роҳбарону намояндагони ташкилотҳои байналмилалии молиявӣ, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҷомеаи шаҳрвандӣ иштирок намуданд.<br>Ҳадафи асосии баргузор намудани Мизи мудаввар баррасии мушкилоту монеаҳои ҷалби сармояи хориҷӣ ба иқтисодиёти мамлакат ва дарёфти роҳҳои ҳалли он ва ба ин восита мусоидат ба ҷалби боз ҳам бештари сармоягузориҳо ба иқтисодиёти миллӣ буда, дар он таваҷҷуҳи асосӣ ба масъалаҳои ташкили равзанаи ягона барои ҷалби сармоя, пешниҳоди раводид барои сармоягузорони хориҷӣ, такмли қонунгузорӣ, таъмини инфрасохтори зарурӣ дар МОИ, баланд бардоштани саводнокии иқтисодӣ ва ҳуқуқии соҳибкорони ватанӣ ҷиҳати таҳияи лоиҳаҳои сармоягузорӣ, нақшаҳои тиҷоратӣ ва усулҳои муосири идоракунии фаъолияти соҳибкорӣ ва дигар ҷанбаҳо зоҳир карда шуд.<br>24 апрели соли 2015 бо даъвати Кумитаи давлатии сармоягузорй ва идораи амволи давлатӣ нахустин Анҷумани соҳибкорони Тоҷикистону Фаронса баргузор гардид. Дар чорабинии мазкур намояндагони вазорату идораҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, зиёда аз 20 нафар соҳибкорони Фаронса, 15 нафар намояндагони ширкатҳои Фаронса дар Тоҷикистон, инчунин беш аз 60 нафар соҳибкорони ватанӣ ширкат варзиданд.<br>Дар ин Анҷуман ҳарду ҷонибро намояндагони давраҳои соҳибкорони бахшҳои мухталифи иқтисодӣ, аз қабили энергетика, | |

| | | | |
|---|---|---|---|
| | | санoат, истихроҷи нафту газ, туризм, нақлиёту алоқа ва фаъолияти бонкӣ муаррифӣ намуданд.<br>Ба диққати иштирокчиён муаррифнома ва сабти видеоӣ дар мавзуи «Имкониятҳои сармоягузории Ҷумҳурии Тоҷикистон» пешниход гардид. Соҳибкорони Фаронса бо фазои сармоягузорӣ барои бахшҳои афзалиятноки иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз маводҳои иттилоотӣ шинос шуданд.<br>Дар анҷоми Анҷуман вохӯрии дуҷониба байни соҳибкорони Тоҷикистону Фаронса баргузор гардид, ки дар ҷараёни он масъалаҳои гуногуни имкониятҳои иқтисодии ҳарду кишвар муҳокимаронӣ шуданд.<br>**Палатаи савдо ва саноати Тоҷикистон** ҷиҳати муаррифии имкониятҳои сармоягузории мамлакат аз ҷониби тавассути воситаҳои электронӣ ва таҳлилӣ-ахборотии Палата, аз ҷумла сайти Палата, маҷаллаҳои “Амал” ва “Пайванди қитъаҳо”, васоити ахбори оммаи ҷумҳурӣ, гузаронидани вохуриҳо бо намояндагони сафоратҳо, ширкату корхонаҳои хориҷӣ, форумҳои доираҳои соҳибкорӣ, ташкил ва гузаронидани намоишгоҳҳои ҷумҳуриявӣ ва байналхалқтт молу маҳсулоти ватанӣю хориҷӣ, доир намудани миссияҳои соҳибкорони ҷумҳурӣ ба давлатҳои хориҷи ва фаъолияти намонядагиҳои Палата дар давлатҳои хориҷӣ ба таври васеъ ба роҳ монда шудааст.<br>Аз ҷумла СД-диски “Роҳнамои бизнеси Ҷумҳурии Тоҷикистон 2014”, ки нашри он ба ҷаласаи Шӯрои Роҳбарони давлатҳо-аъзоёни Созмони Ҳамкории Шанхай мувофиқ шуда буд, бо теъдоди зиёда аз 5000 адад нашр ва муаррифӣ гардид. Дар он оид ба 471 лоиҳаҳои сармоягузорӣ ва фаъолияти 630 ташкилоту корхонаҳои ҷумҳурӣ маълумот ҷой дода шуд. | |
| 12. Ба шарикони рушд тавсия дода мешавад, ки: | | ***Мавриди татбиқ қарор дорад.***<br>БРСММ дар доираи “Барномаи рушди иқтисодии деҳот” | |

| | | | |
|---|---|---|---|
| - дар ҷараёни татбиқи қарорҳои Шӯро фаъолона ширкат намуда, барои баланд бардоштани самаранокии лоиҳаҳои тавассути шарикони рушд амалишаванда, аз ҷумла самаранокии иқтисодӣ ва молиявии онҳо тадбирҳои зарурӣ андешанд;<br><br>- барои тақвият бахшидани фаъолият ҷиҳати ба ҳадафҳои иқтисодии Тоҷикистон мувофиқ намудани лоиҳаҳои шарикони рушд ва ҳангоми амалисозии лоиҳаҳо дар мадди аввал гузоштани афзалиятҳои миллии ҷумҳурӣ чораҳои амалӣ андешанд;<br><br>- дар таҳкими сохтори институтсионалии бозори такрории қоғазҳои қиматнок ва биржаҳои фондӣ тибқи таҷрибаи пешқадами ҷаҳонӣ бо мақсади бароҳмонии фаъолияти босамари биржаҳои фондӣ, мубодилаи донишҳо, таҷриба ва иттилоот, дастгирии чорабиниҳои тарғиботӣ, инчунин бозомӯзии мутахассисони соҳавӣ мусоидат намоянд;<br><br>- ҷиҳати муаррифии васеи имкониятҳои сармоягузории мамлакат тариқи васоити ахбори | | фаъолияти шуроҳои машваратӣ оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ дар шаҳрҳои Исфара, Панҷакентва Истаравшан дастгирӣ менамояд. Инчунин дар доираи Лоиҳаи беҳтар намудани некуаҳволии як миллион аҳолии деҳот БРСММ таъсиси шуроҳои машваратӣ дар шаҳри Конибодом ва ноҳияҳои Ғончию Спитамен дар соли 2015 ба нақша гирифтааст. Амалисозии лоиҳаи мазкур дар муддати се сол ба нақша гирифта шуда, дар 9 ноҳияи ҷумҳурӣ татбиқ мегардад. Барои лоиҳа аз тарафи Федератсияи Россия 6,7 млн. доллари ИМА ҷудо карда шудааст. Доираи иҷроиши лоиҳа амалисозии ташаббусҳо оид ба рушди иҷтимоию иқтисодӣ, барқарорсозии инфрасохтор, дастрасӣ ба хизматрасонии молиявӣ ва маблағгузории хурд, таъсиси ҷойҳои нави корӣ ва таълимоти касбии аҳолии деҳотро дар бар мегирад.<br>Дар ҳамкорӣ Палатаи саноат ва савдо БРСММ ва Ҳукумати Финляндия як қатор тренингу семинарҳоро ҷиҳати мусоидат ба савдои беруна, омӯзиши банақшагирӣ ва самаранок гузаронидани намоишгоҳҳои байналмилалӣ барои соҳибкорони ватанӣ, ҷорӣ намудани стандартҳои пешқадами байналмилалии сифат ва бехатарии маҳсулот амалӣ мегардонад.<br>Бонки Ҷаҳонӣ дар доираи Лоиҳаи баланд бардоштани рақобатпазирии бахши хусусӣ татбиқи пурраи низоми “Равзанаи ягона” барои бақайдгирии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ дар назди Кумитаи андоз, ҷорӣ намудани низоми “Равзанаи ягона” оид ба гирифтани иҷозат барои оғози корҳои сохтмонӣ дар назди Кумитаи меъморӣ ва сохтмон, инчунин низоми “Равзанаи ягона” барои бақайдгирии моликияти ғайриманқул дар назди Кумитаи давлатии идораи замин ва геодезӣ дастгирӣ менамояд.<br>Агентии Олмон оид ба ҳамкории байналмилалӣ бо Гуруҳи кории байниидоравӣ оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ | |

| | | | |
|---|---|---|---|
| оммаи дохиливу хориҷӣ ва ташкили чорабиниҳои гуногун кӯмак намоянд. | | дар бахши саноат ва дастгирии молистеҳсолкунандагони ватанӣ ҳамкорӣ ба роҳ монда, ҷиҳати гузаронидани таҳлилҳои бахшҳои саноати истихроҷи маъдан, саноати коркарди маҳсулоти кишоварзӣ ва бахши кишоварзӣ ва пешниҳоди тавсияҳои мушаххас барои рушди ин соҳаҳо кумак расонид.<br>Бо дастгирии БРСММ Роҳнамо оид ба таъсиси шӯроҳои минтақавӣ оид ба беҳтар намудани фазои срамоягузорӣ ва соҳибкорӣ дар шаҳру ноҳияҳо таҳия гардида, таҳлил оид ба ташкили рейтинги миллии фазои сармоягузорӣ гузаронида шуда истодааст. | |